**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055**
**дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**бо суроғаи: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳасанова Нигора Ҷамоловна дар мавзӯи “Рушди методикаи таҳлили идоракунии стратегӣ дар бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор.**

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ таҳлили идоракунии стратегӣ имрӯз барои корхонаҳои бахши кишоварзӣ вобаста ба шароити иқтисодии махсус, вазъи молиявии номуътадили аксари корхонаҳои соҳа, набудани фарҳанги бозорӣ, ахбори бозоромӯзӣ, инчунин нарасидани кормандони донандаи усулҳои таҳлил, банақшагирӣ, дорандаи малака, тафаккури идоракунии стратегӣ ниҳоят мушкил аст.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ мавқеъ ва нақши таҳлили идоракунии стратегӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунии стратегӣ муайян ва асоснок карда, таҳлили идоракунии стратегӣ ҳамчун унсури асосии низоми баҳисобгирии идоракунии стратегӣ баррасӣ кардааст, ҷанбаҳои ташкили баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ таҳия карда шуда таърифи муаллифии баҳисобгирии идоракунӣ дода шудааст.

Навоварии илмии таҳқиқоти аз таҳияи асосҳои назариявӣ-методологӣ ва ташкилии таҳлили идоракунии стратегӣ ва дар асоси онҳо таҳияи пешниҳоду тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккул ва такмили усулҳои таҳлили идоракунии стратегӣ дар низоми идоракунии соҳаи кишоварзӣ иборат аст оварда шудааст.

Диссертатсия дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф муқаррароти назариявӣ кор карда баромада шудаанд, ки маҷмӯи онҳо метавонанд ҳамчун саҳми муҳим дар тафсири нави мафҳумҳои идоракунии стратегӣ, таҳлили идоракунии стратегӣ, таҳияи механизмҳо ва амсилаҳои мукаммалсозии идоракунии стратегӣ дар хоҷагии қишлоқ муайян карда шудаанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои таҳияшуда ба такмили ҷанбаҳои назариявӣ-методологии ташкили таҳлили идоракунии стратегӣ мусоидат намуда, самаранокии татбиқи онро баланд мебардоранд.

Замимаҳои назариявию методологии таҳқиқотро муқаррароти бунёдии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин муҳаққиқони мамолики дигар самти ташаккули консепсияҳо, таҳқиқҳо оид ба ташаккул ва мукаммалсозии таҳлили идоракунии стратегӣ дар низоми идоракунии бахши кишоварзӣ ташкил медиҳад.

Ба назари мо, кори таҳқиқоти бидуни нуқсонҳои назаррас анҷом дода шудаанд.

Кори диссертатсионии Ҳасанова Нигора Ҷамоловна дар мавзӯи "Рушди методикаи таҳлили идоракунии стратегӣ дар бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар сатҳи баланди илмӣ-методӣ иҷро гардида , кори мустақилонаи илмии ба итмом расида мебошад.

Автореферати рисолаи номзадӣ мақсад ва мӯҳтавои асосии таҳқиқотро пурра дар бар мегирад ва мувофиқи талаботи мавҷуда тайёр карда шудааст ва барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмхои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда , муаллифи он Ҳасанова Нигора Ҷамоловна сазовори дарёфти дарачаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12- Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор мебошад.

Номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини
директор оид ба илм ва татбиқоти
Донишкадаи технология ва менеҷменти
инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб ____________ Мирсаидов М.Н.

Суроға: 735360, шаҳри Кӯлоб, маҳ. Борбад
Тел.: (992) 988-45-09-09;
E-mail: mmirsaidov@mail.ru

Имзои Мирсаидов Муҳаммаднаим Негматовичро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Донишкадаи технология ва менеҷменти
инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб ____________ Нусратов Бахтиёр